**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 371:373+9(575.3)**
**ТКБ: 74.200:74.2+63.3**
**М - 47**

**МАҶИДЗОДА ҶАМШЕД СУНАТУЛЛО**

# ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ИТТИЛООТИЮ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 10-11 ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси: 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)**

**ДУШАНБЕ – 2025**

Диссертатсия дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Маҳкамов Дастам –** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» |
| | **Назарзода Рустам Саидмурод** – номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон |
| **Муассисаи пешбар:** | **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара»** |

Ҳимояи диссертатсия санаи « 10 » феврали соли 2026, соати 13:00 дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баргузор мегардад.

Суроға ва почтаи электронии котиби шурои диссертатсионӣ:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2, bakhriddin.1973@mail.ru, телефон: (+992) 904-29-22-66

Бо матни диссертатсия ва автореферат дар китобхона ва сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (www.aot.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ___________ соли 2025 фиристода шудааст.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои педагогӣ Б. Муҳиддинзода

# МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Таҳаввулоти густурдаи ҷомеаи иттилоотии муосир, ки хоси он рушди арзишҳои гуманистӣ ва эҷоди фазои маърифатӣ мебошад, зарурати бознигарӣ ва таҳкими омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷикро ба миён мегузорад. Дар ин раванд, таърихи миллӣ на танҳо ҳамчун маҷмуи рӯйдодҳои гузашта, балки ҳамчун манбаи худшиносӣ, тавонбахшии иҷтимоӣ ва таҳкими ҷаҳонбинии танқидӣ нақши калидӣ мебозад. Омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ба ташаккули шахсиятҳое мусоидат менамояд, ки дорои тафаккури танқидӣ, қобилияти таҳлили воқеӣ ва ҷаҳонбинии фарогир мебошанд, ки ин омилҳо барои ҳалли масъалаҳои мураккаби иҷтимоӣ ва маърифатӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд.

Дар шароити афзоиши таъсири ахбори омма, рақобати арзишҳо ва таҳдидҳои ҳувиятшиносӣ, ба донишомӯзон зарур аст, ки салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии устуворро касб намоянд. Чунин салоҳиятҳо ба онҳо имкон медиҳанд, ки дар фазои иҷтимоӣ ва фарҳангии тағйирёбанда нақши фаъоли созанда дошта бошанд, дар таҳкими пояҳои маънавии ҷомеа саҳмгузор бошанд ва дар барқарорсозии мувозинати иҷтимоию сиёсӣ бо масъулияти баланди шаҳрвандӣ ширкат варзанд.

Маҳз дар ҳамин замина, таълиму тарбияи таърихӣ ҳамчун омили муҳими ташаккули масъулияти миллӣ ва ҷаҳонбинии стратегии насли ҷавон баромад мекунад. Таърих на танҳо воситаи дарк ва ҳифзи мероси миллӣ, балки инчунин заминаи тарбияи шахсиятест, ки ба арзишҳои истиқлолият, худмуайянкунӣ ва ватандӯстӣ содиқ боқӣ мемонад.

Муҳимияти фанни таърихи халқи тоҷик дар он ифода меёбад, ки омӯзиши он ба шаҳрвандон имкон медиҳад на танҳо шиносоии рӯйдодҳоро аз бар кунанд, балки маънии онҳоро дар контексти замони муосир дарк намоянд. Барои ҷомеаи Тоҷикистон, ки дорои сохти иҷтимоии гуногунмиллатӣ ва дар марҳилаи таҳкими ҳувияти миллист, дарки амиқи таърих, хусусан дар сатҳи таҳсилоти умумӣ, ба унвони кафолати рушди устувор ва суботи ҷомеа арзёбӣ мегардад.

Бо вуҷуди муҳимияти фанни таърихи халқи тоҷик дар низоми таҳсилоти умумӣ, то ба имрӯз барномаҳо ва китобҳои дарсии мутобиқ ба талаботи муосири таълим ва бе мушкилоти мазмунӣ ва услубӣ пурра таҳия нашудаанд. Ин ҳолат на танҳо ба сифати дарки таълимӣ таъсир мерасонад, балки дар бисёре аз мавридҳо ба коҳиши шавқ ва иштироки фаъолонаи хонандагон дар раванди таълимӣ низ боис мегардад.

Ҷустуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани сатҳи таълими таърих, махсусан

таърихи халқи тоҷик, айни замон дар сиёсати давлатии соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятнок эътироф шудааст. Бо вуҷуди он ки дар ин самт баъзе қадамҳои умедбахш гузошта шудаанд, ниёз ба ислоҳоти чуқури мазмунӣ, методӣ ва технологӣ то ҳол боқӣ мондааст.

Дар ҳамин замина, ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои болоии мактаби миёна – ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии таълими таърих – на танҳо масъалаи педагогӣ, балки масъалаи стратегӣ дар тарбияи насли соҳибтафаккур ва масъулиятшинос мебошад. Омӯзиши фанни “Таърихи халқи тоҷик” дар синфҳои 10–11 метавонад заминаи воқеӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии миллию шаҳрвандӣ гардад, агар онро ба таври мақсаднок ва бо риояи принсипҳои педагогикаи муосир амалӣ намоем.

Боиси нигаронист, ки дар илми педагогика, махсусан дар доираи таҳқиқоти ватанӣ, масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик то ба имрӯз дар шакли ҳамаҷониба ва таҳлилӣ коркард нашудааст. Ин холигии назариявӣ ва амалӣ, моро, ҳамчун муҳаққиқ, водор месозад, ки мавзуи мазкурро ҳамчун самти мустақили таҳқиқотӣ интихоб намоем ва ба таҳияи асосҳои илмӣ-методии он иқдом кунем.

Ҳамин тавр, ҳадаф аз ин таҳқиқот он аст, ки ба таҳкими назарӣ ва амалии раванди ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагон мусоидат намоем, то ки ин раванд бо талаботи таълиму тарбияи муосир ва ниёзҳои стратегияи миллии рушди маориф мутобиқ гардад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуи илмӣ**. Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар тадқиқоти як қатор муҳаққиқони маъруф инъикоси назариявӣ ёфтаанд. Аз ҷумла, ҷанбаҳои марбут ба ин мавзуъ дар осори В. Х. Альфонсов, Л. С. Выготский [2], Л. А. Гордон, А. Г. Ковалев, Г. И. Щукина [8], инчунин дар таҳқиқоти муҳаққиқи ватанӣ М. Шайхов мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Масоили марбут ба робита, имкони қабул ва инкишофи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар таҳқиқоти як қатор олимон мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, андешаҳои И. Г. Антонова, С. П. Крягжде, А. М. Матюшкин [5], В. С. Юркевич, Г. И. Щукина [7] ва дигар муҳаққиқон заминаи илмӣ барои дарки равандҳои қабул ва рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ дар муҳити таълимии мактаби миёнаро фароҳам овардаанд.

Муносибатҳои педагогӣ ва шароитҳои рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таҳқиқоти як қатор муҳаққиқони маъруфи соҳаи педагогика ва психология мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар осори А. А. Бадалов [1], В. Г. Иванов, А. М. Матюшкин, В. И. Лозова, А. А. Бодалева, К. К. Гиев, Б. М. Теплов, В. С. Троненко [6], Т. И. Шамова, И. Г. Шапошникова, Г. И. Щукина ва М. Р. Раджабова паҳлуҳои гуногуни ташаккули салоҳият ва омилҳои таъсиррасон ба рушди маърифатии хонандагон баррасӣ шудаанд.

Дар радифи муҳаққиқони хориҷӣ ва рус, олимони тоҷик низ дар самти омӯзиши таърихи педагогика ва масоили марбут ба ташаккули салоҳиятнокии хонандагон саҳми назаррас гузоштаанд. Аз ҷумла, корҳои илмии академик М. Р. Раджабов, Х. С. Афзалов, Р. И. Ходжимухамедов, М. Р. Шукурова, М. Арипов, Р. Я. Хамидов, З. А. Абасов, И. Х. Каримова, Б. Р. Раҳимов, Б. Қ. Қодиров, В. Ч. Ревазов, Д. Н. Латыпов ва дигарон масъалаҳои рушди таълими таърих ва мазмуни он дар мактабҳои таҳсилоти умумиро равшан сохтаанд.

Мавзуи таҳқиқи мазкур, дар баробари аҳамияти амалӣ ва методии худ, наметавонист аз диққати муҳаққиқони ватании соҳаи педагогика дур монад. Муҳаққиқон чун М. Лутфуллозода [4], Ф. Шарифзода, И. Х. Каримова, Т. Шукуров, Х. Буйдаков, Т. Н. Зиёзода [3], Ҳ. Пирумшоев ва М. Шайхов дар таҳқиқоти худ масоили ташаккули дониш, малака ва маҳорати таърихии хонандагонро то андозае мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Бо вуҷуди саҳми арзандаи тадқиқоти зикршуда дар рушди илми педагогика, то имрӯз мавзуи махсуси ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун самти мустақили таҳқиқоти илмӣ мавқеи устувор пайдо накардааст.

Ин ҳолат зарурати таҳқиқи мақсадноки ин масъала ва таҳияи модели педагогии таълимии мувофиқ ба шароити муосирро тақозо менамояд, ки ба талаботи стратегияи миллии рушди маориф ва тамоюлҳои ҷаҳонии таҳсилот ҷавобгӯ бошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳа) ва ё мавзуҳои илмӣ**

Мавзуи таҳқиқоти мазкур бо як қатор барномаҳои стратегии давлатӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи маориф иртиботи мустақим дорад ва дар доираи ҳадафҳои онҳо воқеияти методологӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Аз ҷумла, таҳқиқот бо корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018–2022» (Қарори Ҳукумати ҶТ), «Стандарти давлатии маълумоти миёнаи умумӣ» (2009), «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати ҶТ аз соли 2020, таҳти № 526) ҳамбастагии назаррас дорад.

Ғайр аз ин, ин тадқиқот дар рӯйкарди худ бо «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2030», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (тасдиқшуда бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.03.2006, № 6), ҳамчунин бо самтҳои мазмунӣ ва маънавии озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм – фурӯғи маърифат» дар як пайвасти методӣ ва тарбиявӣ қарор дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** Асоснок намудани ҷанбаҳои педагогии ташаккул ва рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик.

**Вазифаи таҳқиқот:**

1. Ҷанба ва мазмуни салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатиро дар заминаи адабиёти илмии педагогӣ ва психологияи таълим муайян намудан, инчунин равшан сохтани хусусиятҳои онҳо дар шароити таҳсилоти миёнаи умумӣ.

2. Муайян намудани нақши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун заминаи методӣ ва мазмунӣ барои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ.

3. Ҷудо намудани шаклҳо, методҳо ва технологияҳои таълими инноватсионӣ, ки барои ташаккули самараноки салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик мусоидат мекунанд.

4. Мушаххас сохтани шароитҳо ва омилҳои педагогӣ, психологӣ ва ташкилӣ, ки таъсири мустақим ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ доранд ва таҳияи тавсияҳо барои такмили муҳити таълимӣ.

5. Коркард ва озмоиши модели педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар асоси таҷрибаомӯзии озмоишӣ ва арзёбии натиҷаҳои он бо усулҳои миқдорӣ ва сифатӣ.

6. Умумигардонии натиҷаҳои таҳқиқот ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои омӯзгорон, таҳиягарони барномаҳо ва муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати

баланд бардоштани самаранокии омӯзиши таърих дар заминаи салоҳиятнокӣ.

**Объекти таҳқиқот –** раванди таълими хонандагони синфҳои 10–11 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити татбиқи равиши салоҳиятнокӣ, хусусан дар доираи фанни таърихи халқи тоҷик.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** пайдо намудани љанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик.

**Фарзияи таҳқиқот:** Салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик самаранок ташаккул меёбанд, агар:

1. Дастрасӣ ба усулҳои интерактивӣ ва бозиҳои нақшӣ-эҷодӣ бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии хонандагон таъмин гардад;

2. Муҳити таълимии ҳамкорӣ, ки фаъолияти маърифатии хонандагонро ҳавасманд месозад ва робитаҳои иҷтимоии онҳоро инкишоф медиҳад, амалӣ гардад;

3. Қонуниятҳои педагогӣ ва психологии инкишофи салоҳиятҳо дар тамоми марҳилаҳои таълим ба инобат гирифта шаванд;

Фаҳмиши устувори воқеаҳои таърихӣ тавассути истифодаи технологияҳои муосири таълим дар хонандагон ташаккул дода шавад.

Дар асоси ин фарзия, тадқиқот ба ҳалли вазифаҳои зерин нигаронида мешавад:

– гузаронидани таҳлили назариявии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон ҳамчун ҷузъи таркибии рушди шахсӣ;

– ташкили равандҳои омӯзиши таърих бо истифода аз шаклҳои гуногуни фаъолнок ва маърифатии таълим;

– муайянсозии омилҳои коҳиши самаранокии ташаккули салоҳиятҳо ва пайдоиши мушкилот;

– санҷиши таҷрибавии сатҳи ташаккулёфтагии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ дар муҳити воқеии таълимӣ.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот**. Таҳқиқот дар се марҳилаи пайдарпай амалӣ гардид:

**Марҳилаи якум** (солҳои 2022-2023) – дар ин марҳила таҳлили муфассали адабиёти илмӣ-методӣ, фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ-техникӣ оид ба масъалаи мавриди таҳқиқ анҷом дода шуд. Заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот муайян ва мушаххас гардида, ҷанбаҳои инфиродӣ ва гурӯҳии фаъолияти маърифатии хонандагон дар

раванди мушоҳидаҳои ибтидоӣ таҳлил шуданд. Ҳамзамон, фарзияи корӣ мукаммал гардонида шуда, барномаи таҷрибавӣ-озмоишии тадқиқот таҳия гардид.

**Марҳилаи дуюм** (солҳои 2023-2024) – ин марҳила марбут ба татбиқи амалӣ ва таҷрибавии тадқиқот буда, баргузории озмоишҳои констатсионӣ ва мониторингӣ, назарпурсиҳо ва муқоисаи усулҳои гуногуни таълим дар заминаи равиши салоҳиятнокӣ ба роҳ монда шуд. Натиҷаҳои муваққатии тадқиқот ба таври миқдорӣ ва сифатӣ ҷамъоварӣ гардида, самаранокии модели пешбинишуда арзёбӣ гардид.

**Марҳилаи сеюм (солҳои 2024-2025)** – Дар ин марҳила маводи бадастомада таҳлил ва умумигардонӣ шуда, натиҷаҳои таҷрибавӣ ба низоми илмӣ ворид гардиданд. Муқаррароти назариявии таҳқиқот асоснок карда шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ таҳия гардиданд. Дар асоси маълумоти ҷамъоваришуда, матни ниҳоии диссертатсия омода ва шакл дода шуд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**

Таҳқиқот бар пояи як қатор заминаҳои методологӣ анҷом дода шудааст, ки инҳоянд:

- Принсипҳои диалектикии рушди фард ва ҷомеа, ки ҷараёни ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии шахсро ҳамчун равандҳои пайвастаи мутараққӣ ва системавӣ шарҳ медиҳанд;

- Андешаҳои фалсафии омӯзгорӣ ва маърифат, ки дар мероси илмии мутафаккирони бузурги Шарқ (Ибни Сино, Форобӣ, Берунӣ ва дигарон) дар бораи аҳамияти худшиносӣ, донишандӯзӣ ва фаъолияти маърифатии инсон инъикос ёфтаанд;

- Назарияҳои муосири педагогӣ ва психологӣ оид ба инкишофи салоҳиятнокӣ, салоҳиятҳои умумӣ ва хоса, ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ ва иҷтимоӣ дар муҳити таълимӣ (Л. С. Выготский, А. Н. Леонтьев, В. В. Давыдов, И. С. Якиманская ва дигарон);

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, аз ҷумла:

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд»;

– «Консепсияи миллии маълумот» ва «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– «Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Асосҳои зикршуда ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳия, татбиқ ва арзёбии равандҳои педагогии марбут ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон хидмат мекунанд.

**Асоси назариявии таҳқиқот**

Асоси назариявии таҳқиқотро таҳлили ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ташкил медиҳад. Ин асос дар бар мегирад:

- таҳлили моҳият ва сохтори мафҳуми «салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатӣ» ҳамчун ҷузъи таркибии қобилиятҳои таълимии хонандагон;
- омӯзиши хусусиятҳо ва зуҳуроти фаъолияти маърифатии хонандагон дар ҷараёни таълим;
- ташаккули иқтидори маърифатии шахс тавассути муҳити таълимии салоҳиятмеҳвар.

**Таҳқиқот дар асоси назарияҳои зерин ба роҳ монда шудааст:**

- Назарияи ягонаи ҷараёни педагогӣ, ки аз ҷониби Ю. К. Бабанский, В. Н. Дружинин, В. И. Загвязинский рушд дода шудааст;
- Назарияи инкишофи психологии синнусолӣ, асоснокшуда тавассути корҳои Н. Г. Дайри ва Л. А. Ясюкова;
- Назарияи муносибати вазифавӣ ба таълим, ки аз ҷониби И. Я. Лернер пешниҳод гардидааст;
- Консепсияи инсонгароёнаи мутафаккирони Шарқ (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, А. Ҷомӣ, Берунӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Хайём ва дигарон), ки бар мабнои ақидаи «шахсияти комил» ва «маърифат ҳамчун маҳсул ва на мерос» қарор дорад.

Ин заминаи назариявӣ барои таҳлили системавии равандҳои педагогӣ ва омӯзиши механизми ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатӣ дар муҳити таълими фанни таърих заминаи муҳими методологӣ фароҳам овардааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот:**

Таҳқиқоти мазкур бар пояи сарчашмаҳои гуногун, ки ба масъалаи мавриди омӯзиш марбутанд, асос ёфтааст. Ба сарчашмаҳои асосии таҳқиқот инҳо шомил мешаванд:

- Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии маълумот, Консепсияи миллии тарбия, Стандарти давлатии таҳсилот ва

дигар ҳуҷҷатҳои стратегӣ, ки самтҳои рушди таҳсилот ва ташаккули салоҳиятҳоро танзим мекунанд;

- Осори илмии олимони муосири тоҷик, рус ва ғарбӣ оид ба мазмун, ҳадаф ва методикаи таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- Таҳқиқоти илмии муосир дар бораи моҳият, сохтор ва механизми ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ (тоҷик, рус, ғарбӣ) анҷом дода шудаанд;

- Таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи амалии омӯзгорони фанҳои ҷамъиятӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, аз ҷумла педагогҳои пешқадам ва таҷрибаҳои ҷудогонаи муассир дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик;

- Асарҳо ва назарияҳои бунёдии соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълим, ки заминаи илмӣ ва амалии рушди қобилиятҳои маърифатии хонандагонро муайян месозанд.

**Заминаи эмперикӣ:**

Заминаи эмпирикии таҳқиқотро маҷмуи амалҳои таҷрибавӣ ташкил медиҳад, ки бо иштироки бевоситаи муҳаққиқ ва субъектҳои таҳқиқ (хонандагон ва омӯзгорон) дар шароити воқеии таълим амалӣ гардиданд. Марҳилаҳои асосии ин замина иборатанд аз:

- Таҳияи барномаи озмоишӣ-тадқиқотӣ, ки дар он ҳадафҳо, шаклҳо, марҳилаҳо ва индикаторҳои самаранокии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ мушаххас гардиданд;

- Татбиқи мушоҳидаҳои педагогӣ ва озмоишҳои констатсионӣ, ки дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик сурат гирифта, рафтор, иштироки фаъол ва қобилияти маърифатии хонандагонро дар муҳити воқеӣ арзёбӣ намуданд;

- Истифодаи маҷмуи усулҳои эмпирикӣ, ба монанди:

- саволномагузаронӣ ва мусоҳиба;
- мушоҳидаи мустақим;
- озмоишҳои муқоисавӣ ва ташхисӣ;
- усулҳои муқоисавӣ-таҳлилӣ, таҳлили мундариҷаи натиҷавӣ;
- таҳлили микдорӣ ва сифатии маълумот бо истифода аз моделҳои оморӣ;

- Ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти эмпирикӣ, ки дар шакли нишондиҳандаҳои микдорӣ (маълумоти оморӣ) ва сифатӣ (мушоҳидаҳои

контекстӣ) ифода ёфта, ба ташаккули далелҳои илмии таҳқиқот замина гузоштанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**

Пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқотро муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки таҳқиқот дар онҳо мустақиман ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла:

- Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 28 шаҳри Душанбе;
- Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 7, 12 ва 177 ноҳияи Рӯдакӣ.

Дар раванди озмоиши педагогӣ беш аз 300 нафар хонандагони синфҳои 10–11, 10 нафар омӯзгорони фанни таърих ва 54 нафар падару модар (волидон) иштирок намуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

Нововарии илмии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки:

- бори аввал масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ба таври махсуси илмӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст;
- мазмуни мафҳумҳои «салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатӣ» дар заминаи таълими фанни таърих дақиқ гардида, сохтор ва ҷузъиёти таркибии он (компонентҳо: донишӣ, маърифатӣ, арзишӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ) муайян карда шудааст;
- модели педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик тахия гардида, заминаи амалӣ барои татбиқи он пешниҳод шудааст;
- шартҳо ва механизмҳои педагогию психологии самараноки ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар синфҳои болоӣ муайян ва асоснок гардидаанд;
- маҷмуи усулҳои эмпирикӣ барои ташхис, арзёбӣ ва рушди ин салоҳиятҳо дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мутобиқ ва такмил дода шудаанд;
- меъёрҳои баҳодиҳии рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ тахия ва дар озмоиши амалӣ санҷида шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар заминаи методологӣ ва назариявӣ асоснок мегардад.

2. Омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар асоси равиши салоҳиятмеҳвар шароити рушди малакаи таҳлилӣ ва қобилияти иттилоотии хонандагонро

фароҳам меорад.

3. Ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар инкишофи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон нақши калидӣ доранд.

4. Модели пешниҳодшудаи ташаккули салоҳиятнокӣ дар шароити озмоишӣ самаранокии худро нишон додааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:

- мафҳуми «салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии хонандагон» барои марҳилаи синфҳои болоии таҳсилоти миёнаи умумӣ дақиқ ва систематикӣ шарҳ дода шудааст;

- структураи методологӣ ва психолого-педагогии ин салоҳиятҳо таҳлил гардида, ҷузъҳои асосии он (иттилоотӣ, маърифатӣ, таҳлилӣ, арзишӣ ва амалии иҷтимоӣ) асоснок шудаанд;

- модели педагогии ташаккули салоҳият таҳия ва пешниҳод шудааст, ки метавонад заминаи рушди минбаъдаи методикаи таълими таърих гардад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:

- модели озмоишии ташаккули салоҳиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити воқеӣ санҷида шудааст;

- усулҳо, шаклҳо ва технологияҳои таълимӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи иттилоотӣ-маърифатии хонандагон самаранок арзёбӣ шудаанд, метавонанд дар амалияи омӯзиши таърихи халқи тоҷик васеъ истифода гарданд;

- меъёрҳо ва индикаторҳои арзёбӣ барои ташаккули салоҳиятнокӣ тарҳрезӣ ва санҷида шудаанд, ки метавонанд ҳамчун абзори ташхис ва назорат дар муассисаҳои таълимӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои омӯзгорон, методистҳо, таҳиягарони барнома ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳамчун заминаи амалии рушди сифати таълим истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо унсурҳои зерин асоснок мегардад:

- асосҳои мустаҳками методологӣ, ки таҳқиқот бар он бунёд ёфтааст, аз ҷумла татбиқи принсипҳои муносибати салоҳиятмеҳвар ва равишҳои муосири психолого-педагогӣ;

- мустаҳкамии назариявии фарзияи таҳқиқот, ки дар асоси таҳлили манбаъҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гардида, бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои синнусолӣ ва шахсияти хонандагон такмил дода шудааст;

- истифодаи маҷмӯи усулҳои гуногуни таҳқиқоти эмпирикӣ (мушоҳида, саволнома, мусоҳиба, озмоиши муқаддимавӣ ва ташреҳӣ), ки натиҷаҳоро аз

ҷиҳати сифатӣ ва миқдорӣ тасдиқ менамоянд;

- фарогирии васеи гурӯҳҳои иштирокчӣ, аз ҷумла беш аз 300 нафар хонанда, 10 омӯзгор ва 54 волидайн, ки таҳлилро дар сатҳи оморӣ боэътимод гардониданд;

- санҷиш ва тасдиқи таҷрибавии модели пешниҳодшуда дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муқоисаи натиҷаҳо бо таҳқиқотҳои пешина ва такроршавии элементҳои натиҷа дар марҳилаҳои гуногуни озмоиш, ки аз устувории натиҷаҳо шаҳодат медиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мазмуни диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) пурра мутобиқ мебошад:

*Банди 1 – Методологияи таҳқиқоти педагогӣ:* истифодаи усулҳои таҳлили назариявӣ, мушоҳида, озмоиш, саволнома ва таҳлили эмпирикӣ, ки ба асоснокии илмии таҳқиқот мусоидат менамояд.

*Банди 6 – Консепсияи таҳсилот:* татбиқи равандҳои инноватсионӣ ва технологияҳои интерактивӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик, арзёбии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ.

*Банди 7 – Педагогикаи амалӣ:* баргузории озмоишҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимӣ, таҳлили таҷрибаи амалии омӯзгорон ва пешниҳод намудани тавсияҳои методӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот; дар пажӯҳиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ, гирдоварию таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ, дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ, таҳия ва ба нашр расонидани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаи аз таҳқиқоти бадастомада, таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №28-и шаҳри Душанбе ва №№7, 12, 177-и ноҳияи Рӯдакӣ татбиқ гардиданд. Барномаи

озмоишии таҳияшуда бо ҷалби хонандагон, омӯзгорон ва волидон самаранокии худро дар ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 нишон дод.

Технологияҳои таълимии пешниҳодшуда ва шаклҳои нави кори синфӣ ва беруназсинфӣ, ки дар раванди озмоиш истифода шуданд, мавриди истиқболи омӯзгорон қарор гирифта, ба такмили равандҳои таълим мусоидат намуданд. Баъзе тавсияҳои таҳқиқот дар машғулиятҳои методии омӯзгорони фанҳои ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ ва татбиқ қарор гирифтанд.

Маводи асосии таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ нашр шуда, дар конференсияҳо ва ҳамоишҳои илмӣ-амалӣ муаррифӣ гардидаанд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили барномаҳои таълимӣ, таҳияи васоити методӣ ва беҳтарсозии сифати таълими таърих истифода шаванд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода намуда, дар 8 номгуйи мақолаҳои илмӣ, ки 6 номгуи он дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳрести тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 номгуи мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидааст.

**Сохтори диссертатсия:** Дисертатсия аз муқаддима, се боб, нух зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт ва рӯйхати манобеи дигар, дар маҷмуъ аз 197 саҳифаи чопи компюторӣ иборат мебошад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, зарурати омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва ислоҳоти соҳаи маориф нишон дода шудааст. Шарҳи мухтасари дараҷаи пажӯҳиши масъала дар адабиёти илмӣ оварда шуда, холигиҳои назариявию амалӣ муайян шудаанд. Асоси методологӣ ва маҷмуи усулҳои истифодаи тадқиқот шарҳ дода шуда, пойгоҳи таҷрибавӣ, марҳилаҳои асосии таҳқиқот ва навгониҳои илмӣ, ки ба ин масъала ворид мегарданд, муаррифӣ шудаанд. Дар матн аҳамияти назариявӣ ва арзиши амалии таҳқиқот, саҳеҳияти ғояҳои илмӣ ва натиҷаҳои озмоишӣ нишон дода шуда, инчунин масъалаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, мухтасар инъикос ёфтаанд.

Боби якум ба таҳлили заминаҳои назариявӣ ва методологии масъала бахшида шудааст. Дар он моҳияти педагогии ташаккули тавоноии маърифатии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ мегардад. Ҷанбаҳои гуногуни мафҳуми салоҳият, салоҳиятҳои иттилоотию маърифатӣ ва нақши онҳо дар таълиму тарбия

асоснок карда мешаванд. Таълимоти фанни «Таърихи халқи тоҷик» ҳамчун воситаи муҳим барои ташаккули тафаккури интиқодӣ, худшиносии миллӣ ва ҷаҳонбинии шаҳрвандӣ арзёбӣ мегардад.

Дар зербоби 1.1. **Ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони синфи 10-11, ҳамчун мушкилоти педагогӣ** мавриди баррасӣ қарор мегирад. Салоҳияти таърихӣ танҳо азхудкунии донишҳои воқеаҳо ва санаҳои таърихӣ набуда, балки қобилияти хонандагон дар таҳлили мантиқии воқеаҳо, арзёбии падидаҳои иҷтимоӣ ва баровардани хулосаҳои мустақилро дар бар мегирад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар синфҳои 10–11 имкониятҳои васеъ барои ташаккули тафаккури интиқодӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва худшиносии миллӣ фароҳам меорад. Дар ҳамин замина таърих на танҳо маҷмуи рӯйдодҳои гузашта, балки воситаи тарбияи шахсияти масъулиятшинос ва фаъол дар ҷомеа арзёбӣ мешавад.

Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо собит месозанд, ки барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ то ҳол пурра ба талаботи замони муосир мутобиқ карда нашудаанд. Ин ҳолат ба раванди ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон таъсир мерасонад. Ҳамзамон, усулҳои анъанавии таълими таърих, ки бештар ба азхудкунии микдори маълумоти воқеӣ равона шудаанд, наметавонанд эҳтиёҷоти рушди шахсияти фаъол ва интиқодиро пурра қонеъ созанд.

Аз ин рӯ, зарурати ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ ва таҷрибаҳои муосири таълимӣ, аз қабили таҳлили манбаъҳо, баҳсҳои таълимӣ ва омӯзиши лоиҳавӣ пеш меояд. Маҳз чунин равишҳо имкон медиҳанд, ки салоҳияти таърихии хонандагон ҳамчун ҷузъи таркибии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ ташаккул ёбад ва ба талаботи ҷомеаи иттилоотии имрӯза ҷавобгӯ гардад.

Ҳамин тариқ, дар зербоби аввал салоҳияти таърихӣ ҳамчун мушкилоти педагогӣ арзёбӣ шуда, зарурати таҳқиқи амиқ ва такмили равишҳои таълим барои ташаккули он асоснок мегардад.

Дар зербоби 1.2. **Мавқеи стандарт, барнома ва китоби дарсӣ дар ташаккули маданияти башардӯстонаи хонандагони синфи 10-11 тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик** номгузорӣ шуда, дар он масъалаи нақши ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва методӣ дар ташаккули маданияти башардӯстонаи хонандагони синфҳои болоӣ баррасӣ мегардад. Стандарти давлатии таълимӣ, барномаҳои фаннӣ ва китобҳои дарсӣ ҳамчун воситаҳои асосии муайянкунандаи мазмун ва самтҳои омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик» арзёбӣ мешаванд. Онҳо ба таъмини ягонагии мазмун, пайдарпайии таълим ва ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ равона шудаанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳуҷҷатҳои мазкур бо вуҷуди аҳамияти худ бештар хусусияти иттилоотӣ дошта, имкониятҳои онҳо дар ташаккули тафаккури интиқодӣ ва маданияти башардӯстонаи хонандагон маҳдуд боқӣ мемонанд. Китобҳои дарсӣ бештар ба азбаркунии рӯйдодҳои таърихӣ нигаронида шудаанд ва ҳамеша барои рушди қобилиятҳои таҳлилӣ ва муносибати арзишӣ заминаи кофӣ фароҳам намеоранд.

Бо вуҷуди ин, истифодаи ҳадафмандонаи барномаҳо ва китобҳои дарсӣ метавонад ба ташаккули ҷаҳонбинии васеъ, худшиносии миллӣ ва эҳтироми арзишҳои фарҳангии миллӣ ва умумибашарӣ мусоидат намояд. Дар шароити муосир зарурати такмили стандартҳо ва китобҳои дарсӣ бо ворид намудани усулҳои таълимии инноватсионӣ ва воситаҳои рақамӣ асоснок дониста мешавад.

Ҳамин тариқ, зербоби 1.2 аҳамияти стандарт, барнома ва китобҳои дарсиро дар ташаккули маданияти башардӯстонаи хонандагон таъкид намуда, зарурати мутобиқсозии онҳо ба талаботи педагогикаи муосир ва ҷомеаи иттилоотӣ асоснок месозад.

Дар зербоби 1.3. **Таърихи халқи тоҷик - мактаби худшиносӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ**-ро тақвият медиҳад, баррасӣ мегардад. Мазмун нишон медиҳад, ки омӯзиши мунтазами ҷараёни таърихии кишвар муҳаббат ба ватанро таҳким бахшида, дар заминаи дарки ҷанбаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, салоҳиятҳои маърифатии хонандагонро такмил менамояд; фанн ҳамчун омили муҳими ташаккули шахсияти шаҳрвандӣ ва милливу ахлоқӣ арзёбӣ мешавад.

Мутобиқи барномаи таълимии синфи 11, барои фанни «Таърихи халқи тоҷик» 68 соат пешбинӣ шуда, ҳадафи асосӣ тарбияи ватандӯстӣ ва башардӯстӣ муқаррар гардидааст. Дарсҳо рӯйдодҳои давраи пас аз соли 1945 то замони муосирро фаро мегиранд: фасли якум ба азнавбарқароркунии хоҷагии халқ ва таҳаввулоти иҷтимоию иқтисодии солҳои 1950–1980 равона шудааст; фасли дуюм ташаккул ва таҳкими давлатдории соҳибистиқлоли Тоҷикистон, масоили сулҳу ваҳдат, ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ, рушди фарҳанг ва муносибатҳои байналмилалиро дар бар мегирад.

Барномаи фанн барои муаррифии фан 1 соати алоҳида ҷудо менамояд, ки он ба тавзеҳи аҳамияти таълимӣ ва тарбиявӣ ва шарҳи ҳадафҳои омӯзиши таърихи навини халқи тоҷик бахшида мешавад. Илова бар ин, мавзуи «Муассисаҳои фарҳангӣ дар хизмати ҷанг» бо 1 соат пешбинӣ гардида, саҳми адибон, санъаткорон ва олимон дар тарбияи рӯҳияи ватандӯстии ҷомеа равшан

карда мешавад; ин мавод барои ташаккули маданияти башардӯстона ва ҷаҳонбинии иҷтимоии хонандагон аҳамияти махсус дорад.

Дар доираи зербоб зарурати ба роҳ мондани таълим бо усулҳои замонавӣ, истифодаи муҳити ҳавасмандкунанда ва методикаҳои интерактивӣ асоснок дониста мешавад, то шароити шаклгирии ҷаҳонбинии шаҳрвандӣ, масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ фароҳам гардад.

**Боби дуюм** ба таҳлили шарту шароит ва омилҳое бахшида шудааст, ки ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ таъсир мерасонанд. Дар ин замина шароитҳои педагогӣ, омилҳои муҳитӣ ва тарбиявӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, нақши фанни «Таърихи халқи тоҷик» ҳамчун воситаи калидӣ барои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатӣ асоснок мегардад. Омӯзиши таърих яке аз самтҳои муҳими таълим шароит фароҳам меорад, ки ҷаҳонбинии миллӣ ва тафаккури интиқодӣ рушд ёбад.

Дар баробари ин, омилҳои объективӣ ва субъективӣ низ баррасӣ шудаанд. Ба онҳо муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, омодагии касбии омӯзгорон ва фаъолияти инфиродии хонандагон дохил мешаванд, ки ба сатҳи ташаккули салоҳиятҳо таъсири назаррас мерасонанд. Хусусияти асосии боб дар он ифода меёбад, ки раванди таълими таърихи халқи тоҷик дар робита бо талаботи ҷаҳонишавӣ таҳлил мегардад. Дар чунин шароит таълим бояд ҳувияти таърихию фарҳангиро ҳифз намояд ва имконияти мутобиқсозии хонандагонро ба воқеиятҳои мураккаби ҷаҳони муосир таъмин созад.

Дар зербоби 2.1. **Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ** ба масъалаи шароитҳои педагогӣ ва нақши онҳо дар ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони синфҳои болоӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Пажӯҳиш нишон медиҳад, ки муҳити таълимӣ на танҳо ҳамчун макони интиқоли дониш, балки маҷмуи мураккаби омилҳои педагогӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ арзёбӣ мешавад. Маҳз ҳамин омилҳо ба рушди тафаккури таърихӣ, таҳкими қобилияти маърифатӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон таъсир мерасонанд.

Шароитҳои педагогӣ наметавонанд танҳо ба азхудкунии донишҳои таърихӣ маҳдуд бошанд. Онҳо бояд ба ташаккули маҷмуи васеи қобилиятҳо равона гарданд, аз ҷумла таҳкими малакаҳои таҳлилӣ, рушди тафаккури интиқодӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии шаҳрвандӣ. Дар ин раванд аҳамияти ҳамкории омӯзгор ва хонанда, истифодаи усулҳои фаъоли таълимӣ, муҳити ҳавасмандкунанда ва дастгирии иҷтимоиву фарҳангӣ таъкид мегардад.

Таҳлилҳо собит месозанд, ки танҳо омезиши дуруст ва ҳадафмандонаи шароитҳои педагогӣ метавонад ба рушди воқеии салоҳиятҳои таърихӣ мусоидат намояд. Аз ин рӯ, муҳити педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун омили калидӣ баррасӣ мешавад, ки дар ташаккули шахсиятҳои дорои тафаккури интиқодӣ, худшиносии миллӣ ва салоҳиятҳои иттилоотию маърифатӣ нақши ҳалкунанда мебозад.

Дар **зербоби 2.2. Таълими таърихи халқи тоҷик – омилии асосии ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон** ба нақши фанни таърих дар раванди рушди қобилиятҳои маърифатӣ ва иттилоотии хонандагон бахшида шудааст. Дар ин қисмат таъкид мешавад, ки таълими таърихи халқи тоҷик на танҳо барои шинохти рӯйдодҳои гузашта хизмат мекунад, балки омили тарбиявӣ ва маърифатӣ ҷиҳати ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ, тафаккури интиқодӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ низ аҳамияти бузург дорад.

Нақши таълими таърихи халқи тоҷик пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки он шароити мусоид барои рушди малакаҳои таҳлилӣ, қобилияти муқоиса ва арзёбии воқеаҳои таърихӣ фароҳам меорад. Фанн ба хонандагон на танҳо донишҳои воқеаву санаҳои таърихиро мерасонад, балки имконият медиҳад, ки меъёрҳои арзишӣ ва фарҳангиро дарк намоянд ва робитаи мантиқии байни воқеаҳои гузашта ва раванди имрӯзаро муайян кунанд.

Дар зербоб нишон дода мешавад, ки таълими таърихи халқи тоҷик бо мазмун ва усулҳои худ метавонад шароити мусоид барои рушди худшиносии миллӣ ва ҳувияти фарҳангӣ муҳайё созад. Ин раванд дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро таърихи миллӣ воситаи ҳифз ва таҳкими ҳувият, ҳамзамон василаи мутобиқшавӣ ба муҳити мураккаби иҷтимоиву фарҳангӣ мебошад.

Бар асоси таҳлили назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти амалӣ, таълими фанни таърих ҳамчун ҷузъи калидии муҳити педагогӣ арзёбӣ мешавад, ки имкони ташаккули устувори салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатиро дар хонандагони синфҳои болоӣ таъмин менамояд.

**Дар зербоби 2.3. Омилҳои объективӣ ва субъективии ташаккул додани салоҳияти хонандагони синфи 10–11 тавассути омӯзиши таърихи халқи тоҷик** ба таҳлили омилҳои гуногун, ки ба ташаккули салоҳиятҳои таърихӣ ва маърифатии хонандагон таъсир мерасонанд, бахшида шудааст.

Дар он нишон дода мешавад, ки самаранокии таълим на танҳо ба мазмуну усулҳои фаннӣ, балки ба маҷмуи омилҳои беруна ва дохила

вобаста аст. Ба омилҳои объективӣ шароити иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва муҳити таълимии мактаб дохил мешаванд, ки ба раванди таълим таъсири мустақим мерасонанд. Дар баробари онҳо, омилҳои субъективӣ — сатҳи омодагии касбии омӯзгорон, ангеза ва фаъолияти мустақили хонандагон — нақши калидӣ мебозанд.

Истифодаи сарчашмаҳо ва манбаъҳои таърихӣ ҳамчун воситаи ҳамешагии таълимӣ яке аз шартҳои муҳими ташаккули чунин салоҳиятҳо дониста мешавад. Кор бо манбаъҳо имкон медиҳад, ки хонандагон малакаҳои таҳқиқотӣ, қобилияти таҳлили мантиқӣ, хулосабарорӣ ва арзёбии воқеаҳои таърихиро инкишоф диҳанд. Ҳамзамон, чунин таҷриба ба баланд гардидани сатҳи омодагии онҳо ба имтиҳонҳои хатм ва талаботи низоми салоҳиятӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, дар зербоби 2.3 зарурати ба эътибор гирифтани омилҳои объективӣ ва субъективӣ нишон дода мешавад. Ин омилҳо ҳамчун заминаи асосии ташаккули салоҳиятҳои таърихии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ арзёбӣ мегарданд.

**Боби сеюм** ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатӣ дар шароити таҷрибаомӯзии педагогӣ ва санҷиши амалии натиҷаҳои тадқиқот равона шудааст. Дар он тарҳи таҷрибавӣ, марҳилаҳои баргузории таҷриба, усулҳои истифодаи фанни «Таърихи халқи тоҷик» барои ташаккули тафаккури интиқодӣ ва худшиносии миллӣ шарҳ дода мешаванд. Натиҷаҳои бадастомада бо нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон муқоиса гардида, самаранокии усулҳои пешниҳодшуда асоснок мегардад.

**Дар зербоби 3.1. Салоҳиятҳои умумифаннӣ ва фаннию мавзуӣ дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар синфҳои 10-11-и муассисаҳои ҳамагонӣ** масъалаи нақши фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккули салоҳиятҳои таълимии хонандагон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Мутобиқи барномаҳои таълимӣ, фан дар ҳаҷми 64 соат пешбинӣ шудааст ва ҳадафи он инкишофи салоҳиятҳои фаннӣ, коммуникативӣ ва арзишӣ-мафкуравӣ мебошад.

Дар зербоб намудҳои асосии салоҳиятҳо – инструменталӣ, муносибати байнифардӣ, низомӣ ва фаннӣ-предметӣ – бо вазифаҳои мушаххаси онҳо шарҳ ёфтаанд. Онҳо қобилияти истифодаи донишҳои таърихӣ дар робита бо дигар фанҳо, тавоноии таҳлили сарчашмаҳо, рушди тафаккури интиқодӣ, инчунин ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ ва фарҳангии хонандагонро таъмин мекунанд. Ба ин гурӯҳ салоҳиятҳои арзишӣ-мафкуравӣ, умумфарҳангӣ,

таълимӣ-маърифатӣ, иттилоотӣ, коммуникативӣ, иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва шахсӣ-худтакмилдиҳӣ низ дохил карда шудаанд.

Дар зербоб нақши шаклҳои гуногуни таълим – лексияҳои проблемавӣ, визуалӣ, дунафара, семинарҳо, баҳсҳо, кори мустақилона ва технологияҳои интерактивӣ – барои ташаккули салоҳиятҳои таърихӣ таъкид шудааст. Хоса, истифодаи усулҳои проблемавӣ ва лоиҳавӣ ҳамчун воситаи фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон арзёбӣ мегардад. Омӯзгор дар ин раванд на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки роҳнамо дар ташаккули ҷаҳонбинии таърихӣ ва таҳкими малакаҳои таҳлилӣ мебошад.

Ҳамин тавр, зербоби 3.1 нишон медиҳад, ки фанни таърихи халқи тоҷик дар синфҳои болоӣ на танҳо воситаи интиқоли дониш, балки муҳити фарогири ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ, иҷтимоӣ ва арзишӣ ба ҳисоб меравад, ки барои омодагии минбаъдаи хонандагон ба таҳсилоти олӣ ва фаъолияти мустақилона аҳамияти калидӣ доранд.

**Дар зербоби 3.2. Технология ва методҳои ташаккули салоҳияти таълимии хонандагони синфҳои 10–11 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ** ба низоми технологияҳо ва усулҳое бахшида шудааст, ки ташаккули салоҳиятҳои таълимии хонандагонро дар фанни «Таърихи халқи тоҷик» таъмин мекунанд. Дар баробари шаклҳои анъанавии таълим (низоми лексионӣ–семинарӣ, машғулиятҳои амалӣ ва ҷамъбастӣ) истифодаи технологияҳои фаъол тарҳрезӣ мешавад: таълими проблемавӣ, методҳои лоиҳавӣ, кейсӣ, бозӣ ва ТИК. Ин маҷмуъ, вобаста ба ҳадаф, ба се гуруҳ ҷудо мегардад: 1) технологияҳои анъанавӣ (лексия, семинар, амалия); 2) технологияҳои фаннӣ-таълимӣ (проблемавӣ, лоиҳавӣ, кор бо сарчашмаҳо); 3) технологияҳои фаъолияти таълимӣ–касбӣ (эҷодиёт, таҷрибаомӯзӣ, воридшавӣ ба муҳити таҳқиқотӣ). Мақсад аз интиқоли оддии маълумот берун рафта, ба ташаккули малакаҳои таҳлил, муқоиса, кор бо сарчашмаҳои таърихӣ, хулосабарорӣ ва муколама равона мегардад.

Дар зербоб нақши шаклҳои фаъоли дарсҳо муфассал нишон дода мешавад: лексияи проблемавӣ (баҳрабардорӣ аз вазъиятҳои мушкилотӣ), лексияи визуалӣ (ҳамоҳангии калима ва тасвир), лексияи дунафара (муколамаи илмӣ), лексияҳои пешакӣ барои ислоҳи хатогиҳо; инчунин семинарҳо, баҳсу мунозираҳо, «мизи мудаввар», тренингҳои коммуникативӣ ва бозӣ (аз ҷумла «муҳорибаи зеҳнӣ» ва вариантҳои он). «Таълим дар ҳамкорӣ» ҳамчун модел тарҳрезӣ мегардад, ки вобастагии мақсад, ахбор ва ҳавасмандгардониро таъмин намуда, масъулияти

инфиродӣ ва дастаҷамъиро ҳамбаста месозад. Методи лоиҳавӣ ва кейс, ҳамроҳ бо истифодаи ТИК, ба тарҳрезӣ, ҷустуҷӯ ва ҳалли мустақили масъалаҳо мусоидат карда, салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ ва коммуникативиро густариш медиҳанд.

Ин маҷмуи технологияҳоро бо мантиқ ва талаботи низоми босалоҳият ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ мутобиқ мекунад: ташаккули салоҳиятҳои калидӣ, умумифаннӣ ва фаннӣ–хусусӣ дар заминаи фаъолияти амалии хонандагон. Самти асосӣ — гузариш аз «интиқоли ахбор» ба «созиши таҷриба», ки дар он дониш, маҳорат ва малака дар ҳамбастагӣ амал карда, ба худомӯзӣ, худтанзимкунӣ ва омодагӣ ба таҳсилоти олӣ ва фаъолияти иҷтимоию касбӣ меоваранд. Дар натиҷа, фанни таърих аз қолаби иттилоотии анъанавӣ берун рафта, ба муҳити ташаккули тафаккури интиқодӣ, худшиносии миллӣ, фарҳанги муошират ва малакаҳои таҳқиқотӣ табдил меёбад.

**Дар зербоби 3.3. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик** баррасӣ мегардад.

Тадқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ (МТМУ № 82 ш. Душанбе, МТМУ № 7, № 12 ва № 177 н. Рӯдакӣ) бо иштироки 300 хонанда ва 42 омӯзгор гузаронида шуд. Озмоиш тамоми марҳилаҳои ташхисӣ, ташаккулдиҳӣ ва назоратиро фаро гирифта, ҳадафаш санҷиши имкониятҳои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар раванди омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик» зери таъсири шароитҳои педагогӣ ва усулҳои фаъоли таълим буд.

Дар ин замина вазифаҳои тадқиқот чунин муайян гардиданд:

•ошкор намудани сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон;

•амалисозии марҳила ба марҳилаи ташаккули ин салоҳиятҳо дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва пешниҳод намудани роҳу усулҳои корӣ;

•муайян кардани маҷмуи шароити педагогӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон мусоидат мекунанд;

•таҳлили маълумоти бадастомада ва робитаи онҳо бо натиҷаҳои омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик.

**Барномаи тачрибавӣ дар се марҳила амалӣ гардид:**

**1. Марҳилаи ташхисӣ (2022–2023)** – муайян кардани сатҳи ибтидоии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ.

**2. Марҳилаи ташаккулдиҳанда (2023–2024)** – татбиқи чорабиниҳо ва машғулиятҳои мақсаднок барои рушди ин салоҳиятҳо.

**3. Марҳилаи назоратӣ (2024–2025)** – арзёбии самаранокии усулҳо ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ.

Дар марҳилаи муайянкунанда, гурӯҳҳои таҷрибавӣ (40 нафар) ва назоратӣ (35 нафар) ташкил карда шуданд. Арзёбӣ тибқи меъёрҳои асосӣ сурат гирифт: самаранокии фаъолият, қобилияти худбаҳодиҳӣ, дарки услуби шахсӣ ва сатҳи донишҳои назариявӣ. Илова бар ин, саволномаҳо барои муайян кардани омилҳои таъсиррасон истифода шуданд.

Натиҷаҳо нишон доданд, ки сатҳи ибтидоии салоҳиятҳо байни гурӯҳҳо тафовут дошт ва зарурати истифодаи усулҳои фаъолу технологияҳои инноватсионӣ барои рушди қобилиятҳои таҳлилӣ ва амалии хонандагон вуҷуд дорад.

**Диаграммаи 1**




«Намудҳои асосии салоҳиятҳо чанд хел мешаванд?»

- Гурӯҳи назоратӣ – 23,2
- Гурӯҳи озмоиши 26.6

«Ба фикри шумо салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилиро чӣ ташкил медиҳад?»

- Гурӯҳи назоратӣ 7,1
- Гурӯҳи озмоиши 7,3

Дар марҳилаи ташхисӣ сатҳи ибтидоии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ тавассути саволномаҳо ва гистограммаҳо арзёбӣ гардид. Саволҳо ба фарқгузории салоҳиятҳои таҳлилӣ ва эҷодӣ, ҳамчунин дарки салоҳиятҳои таҳқиқотӣ равона шуданд.

Натиҷаҳо нишон доданд:

- гурӯҳи назоратӣ дар дарки фарқи байни салоҳиятҳои таҳлилӣ ва эҷодӣ (7,1%) нисбат ба гурӯҳи озмоишӣ (2,3%) нишондиҳандаи баландтар дошт;
- дар дарки салоҳиятҳои таҳқиқотӣ фарқият камтар буд: гурӯҳи озмоишӣ 14,6% ва гурӯҳи назоратӣ 16,2%;
- ҳар ду гурӯҳ ҳанӯз дар сатҳи ибтидоӣ қарор доштанд, ки зарурати истифодаи машқҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва таҳқиқотиро тақозо мекард.

Истифодаи диаграммаҳо ва пурсишномаҳо на танҳо сатҳи донишро нишон дод, балки имкони барқарор кардани робитаи байни дарки назариявӣ ва фаъолияти амалӣ низ фароҳам овард. Ин ҷанба арзиши тадқиқотро ҳамчун таҷрибаи илмӣ-методӣ боло бурд ва зарурати татбиқи усулҳои инноватсионӣ дар таълими таърихи халқи тоҷикро тасдиқ кард.

Диаграммаи 2. Натиҷаҳои марбут ба пурсишномаи дуюм оид ба дарки салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқотӣ, ки идомаи мантиқии ҳамин таҳқиқот аст, тасвири амиқтар медиҳад ва робитаи мустақим бо натиҷаҳои гистограммаи аввал дорад.

**Диаграммаи 2**



Саволномаи сеюм ба дарки салоҳияти худшиносӣ ва мустақилияти шахсӣ, ҳамчунин арзишҳои иҷтимоӣ равона гардид.

Натиҷаҳо нишон доданд:

- 15,3% хонандагони гурӯҳи озмоишӣ ва 13,3% гурӯҳи назоратӣ мафҳуми худшиносӣ ва мустақилияти шахсиро дарк карданд;
- танҳо 7,3% хонандагони гурӯҳи озмоишӣ ва 13,3% гурӯҳи назоратӣ аҳамияти ҳифзи қадру қимати худ ва дигаронро ҳамчун ҷузъи салоҳияти маърифатии таърихӣ дуруст фаҳмиданд.

Ин натиҷаҳо собит карданд, ки сатҳи ибтидоии ин навъи салоҳият ҳанӯз паст буда, ба такмили ҷиддии барномаҳои таълимӣ ниёз дорад.

Истифодаи пурсишномаҳо нишон дод, ки:

**1. Гурӯҳи озмоишӣ дар худшиносӣ ва мустақилият нишондиҳандаи нисбатан баландтар дошт**, ки аз таъсири усулҳои ибтидоии фаъолсозӣ шаҳодат медиҳад;

**2. Ҳар ду гурӯҳ дар арзишҳои иҷтимоӣ қафомонӣ нишон доданд,** ки далели такяи зиёди барномаҳои таълимӣ ба донишҳои назариявӣ ва камбуди таваҷҷуҳ ба тарбия ва арзишҳои иҷтимоӣ мебошад.

Бо ин роҳ, таҳқиқот зарурати ворид кардани унсурҳои тарбияи арзишӣ ва иҷтимоиро ба барномаҳои таълимии таърих таъкид менамояд, зеро худшиносӣ ва эҳтироми дигарон асоси ташаккули шахсияти иҷтимоии фаъол ва масъулиятшинос аст.

**Диаграммаи 3**



Дар марҳилаи анҷомии озмоиши ташхисӣ саволҳои сершумор ба хонандагон пешниҳод шуданд, ки ҳадафашон муайян кардани дараҷаи дарки мафҳумҳои асосии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ буд.

**Натиҷаҳои асосӣ:**

- Дар бораи намудҳои салоҳиятҳо: гурӯҳи озмоишӣ (26,6%) сатҳи баландтар аз гурӯҳи назоратӣ (20,0%) нишон дод.
- Дарки салоҳиятҳои таҳлилӣ: ҳар ду гурӯҳ сатҳи паст доштанд (озмоишӣ – 7,3%, назоратӣ – 7,1%), аммо пас аз тавзеҳ аз ҷониби омӯзгорон 50–70% хонандагон аҳамияти мустақилона омӯхтанро эътироф карданд.
- Фарқи байни таҳлилӣ ва эҷодӣ: танҳо 2,3% (озмоишӣ) ва 7,1% (назоратӣ) фарқиятро шарҳ доданд.
- Салоҳиятҳои таҳқиқотӣ: гурӯҳи озмоишӣ – 14,6%, назоратӣ – 16,2%.
- Салоҳияти худшиносӣ ва мустақилият: озмоишӣ – 15,3%, назоратӣ – 13,3%.
- Арзёбии нақши озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон — оинаи таърихи миллат»: озмоишӣ – 26,6%, назоратӣ – 20,0%.

Ҳарчанд сатҳи ибтидоии аксари нишондиҳандаҳо паст буд, вале гурӯҳи озмоишӣ дар баъзе ҷанбаҳо (дарки умумии салоҳият, худшиносӣ) нишондиҳандаи беҳтар дошт. Ҳамзамон, саволҳо ва тавзеҳоти иловагӣ ба хонандагон имконият доданд, ки робитаи байни донишҳои назариявӣ ва фаъолияти амалӣ равшан гардад.

**Диаграммаи 4**



Таҳлили пурсишҳои охирин нишон дод, ки сатҳи ибтидоии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ паст аст, аммо дар марҳилаи ниҳоии озмоиши ташхисӣ нишонаҳои болоравии фаҳмиш мушоҳида гардиданд. Хусусиятҳои монанди худомӯзӣ, фаъолияти мустақилона ва иштироки фаъол дар муҳокимаҳои таърихӣ ба бедоршавии шавқи маърифатӣ мусоидат карданд.

Бо мақсади санҷиши имкониятҳои иловагӣ, саволи ҳафтуми пурсишнома ба нақши чорабиниҳои саҳнавӣ ва бозиҳои таърихӣ равона шуд. Дар он 26,6% хонандагони гурӯҳи озмоишӣ ва 20% гурӯҳи назоратӣ фаъолона ширкат варзиданд. Ҷавобҳо нишон доданд, ки саҳнаҳои бадеӣ, нақшофарӣ ва иштирок дар рӯзҳои таърихӣ на танҳо дониши таърихиро амиқ мекунанд, балки ҳисси масъулият, ҳамкории дастаӣ ва арзишҳои иҷтимоиро низ таҳким мебахшанд.

Чорабиниҳои саҳнавӣ ва бозиҳои таърихӣ воситаи муассири ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ буда, муҳтавои таълими таърихро бо таҷрибаи зиндагии хонандагон наздик менамоянд. Онҳо на танҳо ба амиқсозии дониш мусоидат мекунанд, балки барои ташаккули шахсияти иҷтимоӣ ва тафаккури интиқодӣ аҳамияти хоса доранд.

Бо мақсади арзёбии сатҳи ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон дар марҳилаи ибтидоӣ, ҷавобҳои онҳо ба саволҳои барномаи таълимии фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар асоси ҷадвали панҷбала баҳогузорӣ шуданд.

**Меъёрҳои баҳогузорӣ:**

- амиқии фаҳмиш, дақиқӣ ва истинод ба далелҳои таърихӣ;
- шеваи ифода ва мантиқ;
- вақти сарфшуда барои ҷавоб, ки қобилияти фаҳмиши сареъ ва таҳлили мантиқиро инъикос мекард.

**Натиҷаҳо (диаграммаҳои 5 ва 6):**

- сатҳи ибтидоии салоҳиятҳо ҳанӯз паст буд, вале гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ фаҳмиши баландтар дошт;
- фарқиятҳо асосан ба шароити мақсадноки педагогии озмоиш вобаста буданд.

Арзёбии панҷбала на танҳо сатҳи донишро муайян кард, балки фарқи байни донишҳои назариявӣ ва салоҳиятҳои амалиро низ равшан сохт. Ин натиҷаҳо аҳамияти шароити мақсадноки педагогиро дар баланд бардоштани қобилияти таҳлил ва масъулияти шахсӣ тасдиқ намуданд.

**Диаграммаи 5**




**Диаграммаи 6**




Дар марҳилаи омӯзиш таҷрибаи ҳаётӣ ва малакаи тафаккури таҳлилӣ тадриҷан ғанӣ гардида, сатҳи маърифатии хонандагон нисбат ба масъалаҳои таърихӣ рушд кард. Агар дар соли хониши 2022–2023 баҳои ғайриқаноатбахш миёни хонандагони синфи 10 — 19,9% ва синфи 11 — 19,5% бошад, пас дар соли 2024–2025 ин нишондиҳандаҳо мутаносибан то 18,4% ва 16,1% коҳиш ёфтанд. Ин далел аз афзоиши миёнаи 5–6% дар ташаккули салоҳиятҳои таърихӣ шаҳодат медиҳад.

**Омилҳои асосӣ:**

- афзоиши нақши ВАО ва Интернет дар ҳаёти хонандагон;
- истифодаи мунтазами телефонҳои ҳамроҳ ва дастрасӣ ба манбаъҳои таърихӣ;

•тамоюл ба омӯзиши фанҳои ёрирасони таърих ва иштирок дар дарсҳои иловагӣ бо омӯзгорони ботаҷриба.

Озмоиши муқаррарнамоӣ собит кард, ки хонандагони синфҳои 10–11 бештар ба интихоби касб ва омодагӣ ба таҳсилоти олӣ таваҷҷуҳ доранд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои муқоисавӣ нишон доданд, ки агар дар соли 2022–2023 танҳо 4,0% хонандагони синфи 10 ва 3,3% хонандагони синфи 11 баҳои «аъло» гирифта бошанд, соли 2024–2025 ин нишондод мутаносибан то 5,2% ва 4,3% боло рафт. Ин далел аҳамияти муҳити таълимӣ ва имкониятҳои иловагиро дар ташаккули салоҳиятҳо собит намуд.

Марҳилаи ташаккулдиҳанда, ки дар асоси натиҷаҳои марҳилаи муайянкунанда амалӣ гардид, ба таҳкими равандҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои миёна ҳангоми омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик» нигаронида шуд.

**Вазифаҳои асосӣ:**

- боло бурдани сатҳи ташаккули салоҳиятҳо тавассути шароити мақсадноки педагогӣ;
- истифодаи барномаҳо, тавсияҳо ва воситаҳои таълимии муосир;
- татбиқи усулҳои инноватсионӣ ва интерактивӣ (тренингҳо, дарсҳои проблемавӣ, кейс-стади, экскурсияҳо, бозиҳои таълимӣ ва озмунҳои мавзӯӣ);
- назорати доимӣ ва мониторинги фардӣ-гурӯҳӣ.

**Методҳо:** озмоиши педагогӣ, мусоҳиба бо хонандагону омӯзгорон, таҳлили пурсишномаҳо ва санҷишҳои фосилавӣ.

**Натиҷаҳо:**

- сатҳи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ ба таври назаррас афзуд;
- хонандагон қобилияти бештари таҳлил, истиқлолияти маърифатӣ ва дарки таърихиро нишон доданд;
- истифодаи аёният ва технологияҳои рақамӣ нақши муҳим бозид: 35–36% хонандагон аҳамияти онро таъкид карданд;
- 8,4% (озмоишӣ) ва 6,6% (назоратӣ) истифодаи интернет ва компютерро ҳамчун ангезандаи муҳими таълим арзёбӣ намуданд;
- танҳо қисми ками хонандагон (3,3% ва 6,6%) тавонистанд қобилияти умумисозии далелҳои таърихиро нишон диҳанд, ки зарурати рушди минбаъдаи таҳлилро тасдиқ мекунад;
- 32% хонандагони гурӯҳи озмоишӣ ва 22% гурӯҳи назоратӣ нақши мусбати озмунҳои ҷумҳуриявиро дар таҳкими ҳувияти таърихӣ қайд карданд.

Марҳилаи ташаккулдиҳанда собит кард, ки шароити педагогии мақсаднок ва усулҳои инноватсионӣ метавонанд сатҳи салоҳиятҳои маърифатии таърихиро ба таври назаррас боло баранд. Дар баробари ин, чорабиниҳои беруназсинфӣ ва озмунҳои таърихӣ ба ташаккули худшиносӣ ва ифтихори миллӣ саҳми муҳиме гузоштаанд.

**Ҷадвали 1**

| Гурӯҳ ҳо | 2022-2023 марҳилаи охир | | | | 2023-2024 марҳилаи охир | | | | 2024-2025 марҳилаи охир | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | аъло | хуб | қаноат бахш | ғайри қ/б | аъло | хуб | қаноат бахш | ғайри қ/б | аъло | хуб | қаноат бахш | ғайри қ/б |
| **Г.О 10** | 4,7 | 6,5 | 10,3 | 5,6 | 4,8 | 6,6 | 10,4 | 5,2 | 5,0 | 6,7, | 10,6 | 5,0 |
| **Г.О 11** | 4,8 | 5,9 | 9,0 | 4,9 | 4,9 | 6,2 | 9,3 | 5,7 | 5,0 | 6,4 | 9,5 | 5,5 |
| **Г.Н 10** | 4,3 | 5,9 | 9,2 | 5,1 | 4,4 | 6,0 | 8,1 | 5,0 | 4,9 | 6,3 | 8,3 | 4,7 |
| **Г.Н 11** | 4,1 | 4,4 | 10,0 | 5,3 | 4,3 | 6,1 | 8,4 | 5,1 | 4,8 | 6,6 | 8,1 | 4,6 |
| **Ҷамъ:** | 17,9 | 22,7 | 38,5 | 20,9 | 18,0 | 24,9 | 36,7 | 20,2 | 19,7 | 26 | 36,5 | 19,8 |

Бо мақсади арзёбии ниҳоии сатҳи рушди салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ, сифати таълим дар давоми се соли таҳсил таҳлил гардид.

**Натиҷаҳои гурӯҳи озмоишӣ синфи 10:**

- соли таҳсили 2022–2023: «аъло» — 4,7; «хуб» — 6,5; «қаноатбахш» — 10,3; «ғайриқаноатбахш» — 5,6.
- соли таҳсили 2023–2024: «аъло» — 4,8; «хуб» — 6,6; «қаноатбахш» — 10,4; «ғайриқаноатбахш» — 5,2.
- соли таҳсили 2024-2025: «аъло» —5,5; «хуб» —6,7; «қаноатбахш» — 10,6; «ғайриқаноатбахш» —5,5.

**Натиҷаҳои гурӯҳи озмоишӣ синфи 11:**

- соли таҳсили 2022–2023: «аъло» — 4,8; «хуб» — 5,9; «қаноатбахш» — 9,0; «ғайриқаноатбахш» — 4,9.
- соли таҳсили 2023–2024: «аъло» — 4,9; «хуб» — 6,2; «қаноатбахш» — 9,3; «ғайриқаноатбахш» — 5,7.
- соли таҳсили 2024-2025: «аъло» — 5,0; «хуб» — 6,4; «қаноатбахш» — 9,5; «ғайриқаноатбахш» — 5,5.

Тағйирот нишон медиҳанд, ки пешрафт гарчанде тадриҷӣ бошад ҳам, ба афзоиши қобилияти маърифатӣ мусоидат кардааст.

**Натиҷаҳои гурӯҳи назоратӣ синфи 10:**

•соли таҳсили 2022–2023: «аъло» — 4,3; «хуб» — 5,9; «қаноатбахш» — 9,2; «ғайриқаноатбахш» — 5,1.

•соли таҳсили 2023–2024: «аъло» — 4,4; «хуб» — 6,0; «қаноатбахш» — 8,1; «ғайриқаноатбахш» — 5,0.

•соли таҳсили 2024–2025: «аъло» — 4,9; «хуб» — 6,3; «қаноатбахш» — 8,3; «ғайриқаноатбахш» — 4,7.

**Натиҷаҳои гурӯҳи назоратӣ синфи 11:**

•соли таҳсили 2022–2023: «аъло» — 4,1; «хуб» — 4,4; «қаноатбахш» — 10,0; «ғайриқаноатбахш» — 5,3,

•соли таҳсили 2023–2024: «аъло» — 4,3; «хуб» — 6,1; «қаноатбахш» — 8,4; «ғайриқаноатбахш» — 5,1,

•соли таҳсили 2024–2025: «аъло» — 4,8; «хуб» — 6,6; «қаноатбахш» — 8,1; «ғайриқаноатбахш» — 4,6,

Маълумоти муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар муассисаҳои озмоишӣ динамикаи мусбат назаррас аст: сатҳи ғайриқаноатбахш коҳиш ёфта, нишондиҳандаҳои «аъло» ва «хуб» афзоиш ёфтанд. Дар гурӯҳҳои назоратӣ тағйирот камтар рушан буда, қисми муайяни хонандагон то ҳол баҳои паст мегиранд. Ин ҳолат ба таъсири омилҳои иҷтимоӣ, психологӣ ва омӯзишӣ марбут аст.

Дар марҳилаи ҷамъбастӣ, бо мақсади муқоисаи натиҷаҳои ибтидоӣ ва ниҳоии озмоиш, саволномаҳои пешина дубора ба хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ пешниҳод гардиданд. Ин амал имконият дод, ки динамикаи пешрафти ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ ба таври оморӣ таҳлил шавад.

**Саволҳои асосӣ:**

- «Намудҳои асосии салоҳиятҳо чанд хел мешаванд?»
- «Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилиро чӣ ташкил медиҳад?»

**Натиҷаҳо:**

Таҳлили ҷавобҳо нишон дод, ки хонандагони гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ сатҳи баландтари дарки мафҳумҳои салоҳият ва фаҳми умумии салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ нишон доданд. Динамикаи мусбати тағйирот дар диаграммаҳои 7–10 инъикос ёфтааст.

Марҳилаи ҷамъбастӣ собит намуд, ки барномаҳои таҷрибавӣ ва усулҳои татбиқшуда тавонистанд рушди назаррасро дар сатҳи салоҳиятҳои хонандагон таъмин кунанд. Муқоисаи натиҷаҳо нишон медиҳад, ки истифодаи шароити педагогии мақсаднок ва усулҳои инноватсионӣ ба дарки амиқтари салоҳиятҳои маърифатӣ мусоидат намуда, ҳадафи тадқиқотро тасдиқ кардааст.

**Диаграммаи 7**




Тавре ки дида мешавад, пас аз озмоиш сатҳи дарки салоҳиятҳо дар гурӯҳи озмоишӣ ба таври назаррас боло рафтааст, ки ин нишонаи самаранокии чорабиниҳои гузаронидашуда мебошад.

Ба саволҳои: “Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ аз салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ бо чӣ фарқ мекунанд?”; “Дар зери салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқотӣ чиро мефаҳмед? ” чунин ҷавобҳоро гирифтем.

**Диаграммаи 8**




**Саволномаҳои навбати чунин буд:**

“Салоҳияти худшиносӣ ва мустақилияти шахсӣ чиро ифода менамояд?” ва “Дарки қадру қимати хеш ва ҳифзи қадру қимати дигарон дар ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон чиро инъикос мекунад?” чунин ҷавобҳоро гирифтем.

**Диаграммаи 9**




Савол 1: Салоҳияти худшиносӣ ва мустақилияти шахсӣ чиро ифода менамояд?
Савол 2: Дарки қадру қимати хеш ва ҳифзи қадру қимати дигарон дар ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон чиро инъикос мекунад?

Дар поёни марҳилаи муайянкунанда, бо мақсади дақиқ арзёбии сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ ҳангоми омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик», ба хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ маҷмӯи саволҳо пешниҳод гардид. Ҷавобҳо имкон доданд, ки сатҳи дарки маърифатӣ ва қобилияти таҳлилӣ таҳлил ва муқоиса шаванд.

**Натиҷаҳо:**

- маълум гардид, ки пеш аз озмоиш сатҳи дарки мафҳумҳои салоҳият ва қобилияти таҳлилӣ паст буд;
- пас аз анҷоми марҳилаи муайянкунанда, нишондиҳандаҳо дар гурӯҳи озмоишӣ назаррас боло рафтанд;
- диаграммаи 10 фарқияти сатҳи ибтидоӣ ва ниҳоии хонандагонро ба таври равшан инъикос кард.

Марҳилаи муайянкунанда собит намуд, ки дар натиҷаи татбиқи усулҳои педагогии таҷрибавӣ қобилиятҳои дарки таърихӣ ва салоҳиятҳои маърифатии хонандагон рушд карда, зарурати идомаи марҳилаҳои ташаккулдиҳанда ва назоратӣ асоснок гардид.

**Диаграммаи 10**




Омӯзишу таҷриба ва таҳлили ҷадвали корҳои озмоишӣ нишон медиҳад, ки теъдоди хонандагони бо баҳои «Аъло» ва «Хуб» мехондагӣ сол аз сол афзоиш ёфта, теъдоди миёнагону бадхонон сол аз сол коҳиш меёбад, ки албатта ин талаботи замон ва ҳавасмандии падару модарон мебошад. Ин раванд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ чандон масъалаи хатарнок боқи намондааст.

Зеро ҳавасмандии волидон бо дониш, маҳорат ва малакаи фарзандонашон афзудааст, ҳамаи онҳо ҳавасу хоҳиш доранд, ки фарзандашон баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба муассисаҳои касбӣ дохил гардида, соҳибкасб гарданд ва дар буҷаи оилавӣ ҳиссаи хешро гузоранд.

Дар раванди корҳои таҳқиқотӣ ошкор сохтем, ки аксари волидон барои амалӣ намудани ин хоҳишашон, (репититор) тамрингарони соҳибкасбро киро намуда, музд дода, салоҳияти маърифатии фарзандашонро баланд мебардоранд, ки ба донишгоҳу донишкадаҳо дохил гарданд. Ин тадбир барои хонандагон хусусияти тарбиявиро ноил буда, тавассути он хонандагон мефаҳманд, ки агар ба таълим диққати аввалиндараҷа зоҳир накунанд, ба буҷаи оила зарар ворид менамоянд.

Дар ҷадвали 2 ҷанбаҳои ташаккулдиҳандаи тавоноии маърифатии хонандагони синфҳои 10-11- и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ дар раванди омӯзиши фанни таърих дарҷ гардидааст.

**Ҷадвали 2**

| Омилҳои ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон | Гурӯҳи озмоишӣ | | Гурӯҳи назоратӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Теъдод | Фоиз % | Теъдод | Фоиз % |
| Омӯзиши фанни таърих ва тарзи гузаронидани дарси он дар муассиса Шуморо қонеъ менамояд? | 66 | 43,9 | 60 | 40 |
| Фанни таърихро Шумо илми ташаккулдиҳандаи салоҳият мешиносед? | 36 | 22, 7 | 30 | 20 |
| Кадоме аз Шумо таърихро афсона меҳисобад? | 3 | 12,3 | 10 | 18,4 |
| Ҳодисаҳои таърихӣ имконияти воқеӣ будан доранд? | 22 | 10,5 | 25 | 10,8 |
| Дар омӯзиши таърих кадом усули педагогиро бештар меписандед? | 23 | 10,6 | 25 | 10.8 |
| **Ҷамъ:** | 150 | 100,0 | 150 | 100,0 |

Озмоишҳои педагогӣ собит карданд, ки салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ метавонад ҳамчун базаи асосии рушди ҳамаҷонибаи шахсият хизмат кунад. Инкишофи умумии хонандагон бо ташаккули чунин салоҳиятҳо зич вобаста аст ва аз мушкилоти ҷиддии таълим танҳо тавассути ташаккули он баромадан мумкин мебошад.

**Самтҳои асосии ташаккулдиҳӣ:**

1. Азбаркунии пайвастаи донишҳои фанни «Таърихи халқи тоҷик» (фаҳмидани дуруст ва пурраи матн, устувор нигоҳ доштани далелҳо, истифода ва такрори онҳо).

2. Такя ба донистани таърих, тамаддун, маданият, сиёсат ва ҳолати иҷтимоӣ ҳамчун сарчашмаи салоҳият.

3. Омӯзиши мустақилона ва таҳлили сарчашмаҳо: сохти манзараи таърихӣ, ҷудокунии ҳодисаҳои муҳим аз номуҳим, хулосабарорӣ ва умумисозӣ.

4. Инкишофи қобилияти интиқоли дониш ба дигарон (нақшабандӣ, таҳияи маърӯза, робита бо гурӯҳ ва баромадҳои оммавӣ).

**Мушкилоти аслӣ:**

- теъдоди зиёди хонандагон дар синфхонаҳо;
- маҳдудиятҳои барқ ва норасоии захираҳо (китобҳо, дастурҳо, аёният);
- камбуди омӯзгорони пуртаҷриба.

Бо вуҷуди ин, мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар муассисаҳои ноҳияи Рӯдакӣ муносибати хонандагон ба фанни таърих рӯ ба болоравӣ дорад.

Ҳавасмандӣ ба салоҳияти маърифатӣ рушд ёфтааст, аммо омилҳои беруназтаълимӣ ҳанӯз монеа эҷод мекунанд.

Барои ташаккули воқеии салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ зарур аст, ки ҳам шароити педагогӣ такмил ёбад ва ҳам инфрасохтори таълимӣ (барқ, китобу дастурҳо ва муаллимони соҳибкасб) таҳким ёбад. Танҳо дар ин сурат афзоиши босуботи сатҳи дониш ва малакаи таърихии хонандагон таъмин мегардад.

## ХУЛОСАИ УМУМӢ

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти боби 1–3 муайян гардид, ки омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ бояд ба ташаккули ҳисси масъулият ва худогоҳии хонандагон мусоидат намояд. Мундариҷаи қисматҳои таърихи халқи тоҷик ба таври мантиқӣ тарҳрезӣ ёфтааст, ки ба азхудкунии дониш ва таҳкими мафҳумҳои таърихии хонандагони синфҳои 10–11 мусоидат мекунад. Таҳлил ва омӯзиши адабиёти психологӣ-педагогӣ ва натиҷаҳои таҷрибаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки муассисаҳои таълимии миёнаи минтақаҳои дур аз марказ базаи моддиву техникии заруриро барои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон надоранд .

Омӯзиши фанни таърих аз хонандагон хотираи фаъол ва тавсеа додани тасаввуроти онҳо дар бораи ҳодисаҳои таърихиро талаб мекунад. Ин раванди таълимӣ тавассути омӯзиши таърих имконият медиҳад, ки хонандагон фикрронии эҷодии худро равнақ бахшанд ва салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии худро ташаккул диҳанд. Омӯзиши таърихи халқи тоҷик ба хонандагон имкон медиҳад, ки сатҳи рушду афзоиши қобилиятҳои донишии худро дарк намуда, онҳоро дар омӯзиши мустақилона истифода намоянд [1-М].

Муҳимтарин омил дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон муносибати дуруст ва фаъолонаи омӯзгор нисбат ба фан мебошад. Омӯзиши таърихи халқи тоҷик бояд ҳамеша бо истифода аз технологияи таълимии инноватсионӣ ва усулҳои шавқовар ба роҳ монда шавад, зеро бе ин воситаҳо хонандагон муваффақ намешаванд. Аз таҳлил ва таҷрибаи амалӣ маълум шуд, ки на ҳамаи хонандагон пойгоҳи фаҳмиши қавии далелҳои таърихиро доранд. Бисёре аз онҳо фанни таърихро шавқовар намепиндоранд ва ба фанҳои табиатшиносӣ, техника, забон ва адабиёт майли бештар доранд. Аз ин ҷост, ки муассисаҳои таълимии миёна бояд масъалаи дурусти самти касбро ба роҳ монанд, то хонандагони бетараф ба таърих дар дигар соҳаҳо камбудиҳо эҷод накунанд ва барои

ҷомеа зарурати маънавию моддиро ба мавҷуд намоянд [2-М].

Таҳқиқот нишон дод, ки дар ҳамаи муассисаҳои миёнаи умумӣ танҳо ба хонандагон расидан ба баҳои аъло дарс дода намешавад. Дар баъзе ҳолатҳо омӯзгор ба унвони лексиони амал мекунад ва бояд хонандагонро дар раванди омӯзиш фаъолона ҷалб намояд. Омӯзгор бояд хонандагонро тарғиб намояд, ки аз дастурҳо, сарчашмаҳо ва манбаъҳои таърихӣ барои хондани беруназсинфӣ истифода баранд. Ҳангоми таълим омӯзгор вазифадор аст, ки китобҳои зарурӣ, дастуру сарчашмаҳои таърихиро барои истеъмоли хонандагон пешниҳод намояд ва онҳоро иҷрои корҳои мустақилона ташвиқ намояд.

Адабиёти педагогӣ–психологӣ ва таҷрибаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки фаъолияти инноватсионии омӯзгор ва истифодаи методҳои фаъоли таълим нақши асосӣ дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон доранд. Аммо мутаассифона, бисёре аз омӯзгорон бо тарзи ҷорӣ кардани инноватсияҳо ошно нестанд ва аз ин рӯ ба он даст намезананд. Омӯзгорони муосири таърихи халқи тоҷик бояд кӯшиш намоянд, ки ба саволҳои зер ҷавоб ёбанд: мушкилоти асосии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар чӣ аст? Ҷавоби комил ба ин савол ҳоло барвақт аст, зеро таҳқиқот ҳамчунон идома дорад; аммо натиҷаҳои ибтидоӣ аз корҳои озмоишӣ нишон медиҳанд, ки моҳияти дидактикии ташаккули қобилиятҳои маърифатии хонандагон дар заминаҳои амалии омӯзишу таҷриба дарк хоҳад шуд [3-М].

Дар адабиёти педагогӣ масъалаи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон тавассути омӯзиши таърихи халқи тоҷик кам ёфт мешавад. Масъалаи ташаккули чунин салоҳият яке аз масъалаҳои калонтарини педагогикаи муосир дар соҳаи таълим ва методикаи таърих маҳсуб мегардад. Баҳои объективӣ додан ба самаранокии технологияҳо барои ташаккули ин салоҳият хеле душвор аст. Аз ин рӯ, ба омӯзгороне, ки бо гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ кор мекунанд, тавсия медиҳем, ки аз усулҳои гуногуни илмию методии коркардашуда дар ватан ва хориҷ истифода баранд, то рушди фардиятӣ, маърифатӣ, донишу малака ва малакаи хонандагонро мушоҳида ва арзёбӣ кунанд.

Озмоишҳое, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ гузаронида шуданд, нишон доданд, ки аз миёни шаклҳои гуногуни фаъоли таълим беҳтарин натиҷаро корҳои мустақилонаи хонандагон фароҳам меоранд. Корҳои мустақили хонандагӣ омили аслии рағбат ва ҷалбдаронии онҳо ба ҷустуҷӯ, кашф ва иҷрои супоришҳоро таъмин менамояд. Дар шароити муосир

муассисаҳои таълимии миёна аз равишҳои фаъоли таълим ва технологияҳои инноватсионии таълим барои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон бештар истифода мебаранд. Натиҷаҳои озмоиш нишон доданд, ки тафаккури эҷодии хонандагон дар муқоиса бо дигар омилҳои ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ устувортар рушд меёбад. Ин ба он вобаста аст, ки методҳои фаъоли таълим бештар ба таври номунтазам ба кор бурда мешаванд. Барои ҳаллу фасли ин мушкилот технологияе зарур аст, ки дар тамоми давраи таҳсил истифода шавад [4-М].

Омӯзгорони ҳамаи фанҳо бояд талош варзанд, ки дарсҳои ҷолибу интерактивӣ ташкил кунанд, зеро дарсҳои якранг ва такроршаванда хонандагонро дилгир ва хаста мегардонанд. Омӯзгорон бояд қодир бошанд, ки дар мундариҷаи дарс, сохти он ва шароитҳои таълимӣ унсурҳои инноватсионӣ ва технологияҳои таълимиро ворид намоянд. Дар баъзе мавридҳо истифодаи методҳои анъанавии таълим низ дар ҷойи худ самарабахш аст. Дар раванди дарсҳо хонандагонро ба ҳалли масъалаҳои таърихӣ ҷалб кардан лозим аст. Қоидаи кӯҳнаи гузаронидани дарс бояд аз байн бардошта шавад: дар баъзе дарсҳо бештар ба тавзеҳ ва сухан (лексия), дар баъзе дарсҳо ба муҳокимаю пурсиш ва такрори маводи омӯхта камар кашида шавад.

Омили асосии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон ин зиёд намудани миқдори корҳои мустақилонаи онҳо аст, ки барои аз ҳад зиёди донишҳои берун аз барнома истифода мебаранд. Барои амалӣ сохтани ин ҳадаф, омӯзгор дар раванди дарси таърихи халқи тоҷик бояд қобилиятҳои маърифатии хонандагонро истифода намуда, онҳоро дар шаклҳои зерин роҳнамоӣ намояд:

- Омӯзгори таърих бояд ба фарогирӣ ва асоснокии иттилооти пешниҳоднамудаи хонандагон диққат диҳад ва онро санҷад.
- Омӯзгори таърих бояд ҳодисаҳо ва равандҳои таърихиро дар доираи ҳалли масъалаҳои таърихӣ шарҳ дода, барои омӯзиши мустақили хонандагон сарчашмаҳои заруриро пешниҳод намояд.
- Омӯзгор вазифадор аст, ки дар ҷадвал ва нақшаи дарс адабиёт ва сарчашмаҳои заруриро ҷой дода, хондану омӯхтани онҳоро барои хонандагон тавсия диҳад.
- Ба хонандагон китобҳо ва маҷаллаҳои марбут ба мавзуъҳо ва бобҳои таърихи халқи тоҷикро пешниҳод ва тавсия намудан лозим аст.
- Хонандагонро бояд ташвиқ кард, ки дар шакли хаттӣ ё даҳонӣ баррасии ва шарҳи маводи хондаашонро (аз китобҳо, мақолаҳо ва дигар

манбаъҳо) пешниҳод намоянд, то қобилияти маорифии онҳо устувортар гардад ва онҳо барои иҷрои корҳои эҷодии худ омодагии бештар пайдо кунанд [5-М, 6-М].

**Тавсия ва пешниҳодҳо:**

1. Ҳадафи асосии таҳқиқот васеъ гардонидани мазмуни раванди ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфи X–XI тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик мебошад.

2. Барои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон бояд дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик аз тамоми имкониятҳои мавҷудаи таълимӣ самаранок истифода карда шавад.

3. Дар таҳияи маърӯза ва музокираҳои дарсӣ омӯзгор бояд аз лаҳни диққатҷалбкунанда, баланд ва пастии садои мувофиқ ва фарҳанги баланди муоширaт истифода намояд, зеро ин омилҳо барои ташаккули қобилиятҳо, лаёқат ва салоҳияти хонандагон аҳамияти муҳим доранд.

4. Кори синфӣ ва ғайрисинфии хуб танзимшуда аз фанни таърихи халқи тоҷик метавонад қобилияти маърифати хонандагонро баланд бардорад; ҳарчанд, дар амалия чунин фаолиятҳо аксар вақт анҷом дода намешаванд.

5. Омӯзгори муосир бояд дар раванди таълим аз навгониҳои педагогӣ ва усулҳои фаъоли таълим бо мақсади ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон истифода барад.

6. Омӯзгори таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таълимии миёна бояд фазои устувори эҷодӣ ва ҳавасмандкунанда барои хонандагон фароҳам оварад ва хешро ҳамчун шахсияти эҷодӣ ва соҳибмаърифат муаррифӣ намояд, то дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии онҳо нақши муассир дошта бошад.

7. Ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон бояд доимӣ зери назорат қарор дошта шавад.

8. Ҳунари худомӯзӣ ва иҷрои корҳои мустақилона ба хонандагон писанд ва барор меорад, инчунин онҳо барои ҳалли масъалаҳо бидуни такя ба кӯмаки беруна одат менамояд.

9. Салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон манбаи асосии дониш, малака ва қобилиятҳои онҳо дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ мебошад.

## Феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:

**а) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2022. – № 2 (38). – С. 151–156. – ISSN 2617-5320.

[2-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Густариши ғояҳои миллӣ тавассути таълими босамари фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ. – 2022. – № 4 (40). – С. 9–14. – ISSN 2617-5320.

[3-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Нақши анъанаҳои миллӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Маҷаллаи илмии «Номаи Донишгоҳ». – 2024. – № 4 (81). – С. 52–56. – ISSN 2077-4990.

[4-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун мушкилоти педагогӣ / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – № 12. Қисми 11. – С. 282–286. – ISSN 2074-1847.

[5-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули тавоноии маърифатии хонандагон тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2024. – № 4 (54). – С. 235–240. – ISSN 2222-9809.

[6-М] Маҷидзода, Ҷ. С.; Маҳкамов, Д. Фаъолияти инноватсионӣ – омили педагогии рушди таҳсилот ва беҳдошти сифати таълими фанни таърихи халқи тоҷик / Д. Маҳкамов, Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ. – 2025. – № 1 (49). – С. 5–10. – ISSN 2617-5320.

**б) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[7-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик: равишҳои муосир ва шароити педагогӣ / Ҷ. С. Маҷидзода // Маводи

конфиренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Навсозии мундариҷаи таҳсилот – омили баландбардории сифати таълим ва тарбия дар замони Истиқлолияти давлатӣ». –Душанбе: 2025. С. 204-212.

[8-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Тарбияи ватандӯстӣ ва арзишҳои миллӣ дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Маводи конфиренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Истиқлолияти давлатӣ ва рушди саноати миллӣ: самтҳои асосӣ ва дурнамо» бахшида ба 34-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: 2025 – С. 80-93.

**ИНСТИТУТ РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ИМЕНИ АБДУРАХМОНИ ДЖАМИ АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА**

***На правах рукописи***

**УКД : 371:373+9(575.3)**
**ББК: 74.200:74.2+63.3**
**М - 47**

**МАДЖИДЗОДА ДЖАМШЕД СУНАТУЛЛО**

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННО-ПОЗНАВАТЕЛЬНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ УЧАЩИХСЯ 10–11 КЛАССОВ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДОВАНИЯ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

## АВТОРЕФЕРАТ

**диссертации на соискание учёной степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.02 – Теория и методика обучения и воспитания (13.00.02.05 – Теория и методика преподавания общественных дисциплин, среднее общее образование)**

**ДУШАНБЕ – 2025**

Диссертация выполнена в Институте развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана.

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Махкамов Дастам** – кандидат педагогических наук, доцент, заведующий отделом начального, среднего и высшего профессионального образования Института развития образования имени Абдурахмани Джами Академии образования Таджикистана. |
| **Официальные оппоненты:** | **Шаропов Шавкатджон Ахмадович** - доктор педагогических наук, профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова |
| | **Назарзода Рустам Саидмурод** – кандидат педагогических наук, исполняющий объязности доцента кафедры программирования и искусственного интеллекта Таджикского технологического университета |
| **Ведущая организация:** | **Государственное образовательное учреждение «Дангарский государственный университет»** |

Защита диссертации состоится 10 февраля 2026 года, в $13^{00}$ часов в диссертационном совете 6D.КОА-077 при Академии образования Таджикистана

Адрес и электронная почта ученного секретаря диссертационного совета: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2, bakhriddin.1973@mail.ru, телефон: (+992) 904-29-22-66

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке и на сайте Академии образования Таджикистана (www.aot.tj).

Автореферат разослан «____ » _____________ 2025 года.

Ученый секретарь
диссертационного совета,

кандидат педагогических наук Б. Мухиддинзода

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность исследования.** Динамика современного информационного общества, основанная на расширении гуманистических ценностей и развитии культурно-образовательного пространства, выдвигает задачу переосмысления роли преподавания истории таджикского народа. В подобных условиях история воспринимается не только как совокупность фактов прошлого, но и как важнейший источник формирования национальной идентичности, духовного потенциала общества и критического мировоззрения личности.

Изучение учебной дисциплины «История таджикского народа» способствует воспитанию школьников, способных мыслить самостоятельно и критически, оценивать происходящее в социуме и формировать целостное понимание современного мира. Эти качества особенно значимы в ситуации усиливающегося влияния средств массовой информации, конкуренции ценностных моделей и вызовов, связанных с сохранением культурной самобытности. Для старшеклассников становится жизненно необходимым овладение устойчивыми информационно-познавательными компетенциями, которые позволяют занимать активную позицию в изменяющемся социокультурном пространстве, укреплять духовные основы общества и проявлять гражданскую ответственность.

В этом контексте историческое образование выступает не только средством передачи знаний, но и мощным фактором формирования национальной ответственности и стратегического мышления молодежи. История служит инструментом осмысления и сохранения культурного наследия, а также становится фундаментом для воспитания граждан, преданных идеалам независимости, патриотизма и гражданской зрелости.

Значимость преподавания истории таджикского народа состоит и в том, что данный предмет предоставляет учащимся возможность выйти за рамки механического усвоения фактов, осмысливать их смысл и место в контексте современных процессов. Для многонационального общества Таджикистана, находящегося в стадии укрепления национальной идентичности, глубокое освоение исторического знания в системе общего образования является гарантией устойчивого развития и социальной стабильности.

Вместе с тем, несмотря на очевидную важность предмета, программы и учебники по истории не всегда отвечают современным образовательным стандартам. Сохраняются методологические и содержательные пробелы, снижающие интерес школьников к учебному процессу и препятствующие полноценному восприятию материала. Поиск путей повышения качества

преподавания истории, особенно национальной, рассматривается сегодня как приоритетное направление государственной образовательной политики.

Формирование информационно-познавательных компетенций учащихся старших классов необходимо рассматривать не только в педагогическом, но и в стратегическом аспекте. Курс «История таджикского народа» в 10–11 классах, при условии целенаправленного применения современных педагогических подходов, может стать прочной основой для развития национального и гражданского мировоззрения.

Следует отметить, что в педагогической науке, особенно в отечественных исследованиях, проблема формирования информационно-познавательных компетенций школьников в процессе изучения национальной истории до сих пор не получила комплексной разработки. Данный теоретический и практический пробел обусловливает выбор темы как самостоятельного направления исследования и требует создания устойчивых научно-методических основ.

Таким образом, цель исследования заключается в укреплении теоретических и практических основ процесса формирования информационно-познавательных компетенций учащихся, обеспечивая его соответствие современным образовательным стандартам и стратегическим задачам национального развития.

**Степень изученности научной проблемы.** Педагогические основы формирования информационно-познавательных компетенций старшеклассников в процессе преподавания истории таджикского народа получили определённое теоретическое освещение в трудах ряда исследователей. Отдельные аспекты темы отражены в работах В. Х. Альфонсова, Л. С. Выготского [2], Л. А. Гордона, А. Г. Ковалева, Г. И. Щукиной [8], а также в исследованиях отечественного педагога М. Шайхова.

Вопросы, связанные с восприятием, развитием и возможностями формирования информационно-познавательных компетенций учащихся, предметно рассматривались в трудах И. Г. Антоновой, С. П. Крягжде, А. М. Матюшкина [5], В. С. Юркевича, Г. И. Щукиной [7] и других исследователей. Их подходы создали основу для понимания процессов усвоения и развития компетенций в образовательной среде средней школы.

Значительное внимание педагогическим условиям и психологическим факторам, влияющим на формирование компетенций учащихся, уделили А. А. Бадалов [1], В. Г. Иванов, В. И. Лозова, А. А. Бодалев, К. К. Гиев, Б. М. Теплов, В. С. Троненко [6], Т. И. Шамова, И. Г. Шапошникова, Г. И. Щукина и М. Р. Раджабова. В их работах раскрываются разнообразные аспекты формирования познавательной активности и условий развития учащихся.

Наряду с зарубежными и российскими исследователями, значительный вклад в разработку проблематики внесли таджикские учёные. Так, академик М. Р. Раджабов, Х. С. Афзалов, Р. И. Ходжимухамедов, М. Р. Шукурова, М. Арипов, Р. Я. Хамидов, З. А. Абасов, И. Х. Каримова, Б. Р. Рахимов, Б. К. Кодиров, В. Ч. Ревазов, Д. Н. Латыпов и другие исследовали вопросы содержания исторического образования и особенностей его развития в школах Таджикистана.

Отдельная группа отечественных педагогов — М. Лутфуллозода [4], Ф. Шарифзода, И. Х. Каримова, Т. Шукуров, Х. Буйдаков, Т. Н. Зиёзода [3], Х. Пирумшоев и М. Шайхов — рассматривали проблемы формирования исторических знаний, умений и навыков школьников, что позволило заложить практическую основу для дальнейших исследований.

Несмотря на вклад перечисленных авторов, специальная тема формирования информационно-познавательных компетенций учащихся 10–11 классов в процессе изучения истории таджикского народа пока не оформилась как самостоятельное и всесторонне разработанное направление педагогической науки. Этот пробел делает актуальным проведение целенаправленного исследования и разработку педагогической модели, адекватной современным условиям и отвечающей задачам национальной образовательной стратегии и глобальным тенденциям развития образования.

**Связь исследования с государственными программами**

Тема диссертации органично связана с рядом стратегических программ и нормативных документов в сфере образования, что придаёт исследованию практическую значимость и методологическую опору. В частности, работа соотносится научно-исследовательской деятельности отдела гуманитарных и общественных наук, а также пересмотра и совершенствования стандартов, учебных программ и учебников института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, «Государственной программой патриотического воспитания и укрепления национальной идентичности молодёжи Таджикистана на 2018–2022 годы» (Постановление Правительства РТ), «Государственным стандартом общего среднего образования» (2009), «Национальной стратегией развития образования Республики Таджикистан до 2030 года» (Постановление Правительства РТ от 2020 года, № 526).

Кроме того, исследование перекликается с целями и задачами «Программы правового и гражданского воспитания в Республике Таджикистан на 2020–2030 годы», «Национальной концепции воспитания в Республике Таджикистан» (утверждённой постановлением Правительства РТ от 3 марта 2006 г., № 6), а

также тематически и воспитательно сопряжено с общереспубликанскими конкурсами «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» и «Илм – фурӯғи маърифат».

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования –** теоретически обосновать и разработать педагогические основы формирования и развития информационно-познавательных компетенций учащихся 10–11 классов общеобразовательной школы в процессе изучения курса «История таджикского народа».

**Для достижения поставленной цели были определены следующие задачи:**

1. Проанализировать педагогическую и психологическую литературу с целью выявления сущности, структуры и содержания информационно-познавательных компетенций, а также определить их специфику в условиях средней школы.

2. Раскрыть воспитательный и образовательный потенциал учебного предмета «История таджикского народа», показав его значение как содержательной и методической базы формирования компетенций старшеклассников.

3. Систематизировать существующие формы, методы и инновационные технологии обучения, которые наиболее эффективно способствуют развитию информационно-познавательных компетенций в процессе преподавания истории.

4. Определить и уточнить педагогические, психологические и организационные условия, оказывающие существенное влияние на формирование компетенций, и выработать практические рекомендации по совершенствованию образовательной среды.

5. Разработать педагогическую модель формирования информационно-познавательных компетенций учащихся, провести её опытно-экспериментальную проверку, а также оценить результаты с использованием как количественных, так и качественных методов анализа.

6. На основе обобщения результатов исследования подготовить научно-практические рекомендации для учителей, авторов учебных программ и образовательных учреждений с целью повышения эффективности преподавания истории на компетентностной основе.

**Объект исследования** – учебный процесс учащихся 10–11 классов общеобразовательных школ в условиях реализации компетентностного подхода, особенно в рамках курса «История таджикского народа».

**Предмет исследования** – педагогические аспекты формирования информационно-познавательных компетенций старшеклассников в процессе изучения национальной истории.

**Гипотеза исследования.** Предполагается, что формирование информационно-познавательных компетенций учащихся 10–11 классов в процессе изучения истории таджикского народа будет более результативным при выполнении следующих условий:

1. Использование интерактивных методов и ролево-творческих игр с учётом возрастных и индивидуальных особенностей школьников;

2. Создание образовательной среды сотрудничества, стимулирующей познавательную активность и развитие социальных взаимодействий;

3. Учёт педагогических и психологических закономерностей формирования компетенций на всех этапах учебного процесса;

4. Обеспечение устойчивого понимания исторических событий через использование современных образовательных технологий.

